**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D КОА-026-и назди МДТ**
**“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

**дар бораи диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

*Парвандаи аттестатсионии № 2*
*Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14-уми сентябри соли 2022, № 2*

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич дар мавзӯи “Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ”, дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01– педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б.Мавлонбеков, 1) аз санаи 1-уми апрели соли 2022 ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шудааст.

Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич соли таваллудаш 1982, зодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2005 Донишгоҳи давлатии Боткенти Ҷумҳурии Қирғизистонро хатм намуда, инчунин соли 2016 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯи маълумоти олии дуюм бо ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ ва соли 2018 бахши магистратураи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”-ро хатм кардааст.

Мамадҷонов Самеъҷон аз таърихи 6-уми апрели соли 2010 унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров буда, кори илмиашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

Фаъолияти омӯзгории ӯ аз соли 1999 оғоз гардида, дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар вазифаҳои омӯзгор, нозири қисми таълим, ҷонишини декан оид ба корҳои тарбия фаъолият кардааст. Аз 5-уми августи соли 2020 то имрӯз вазифаи мудирии кафедраи педагогӣ ва табиию риёзии факултети таҳсилоти ғоибонаи МДТ “ДДХ баноми академик Б.Ғафуров”-ро бар ӯҳда дорад. Дорандаи унвони “Аълочии матбуот”-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи кори диссертатсионии Мамадҷонов Самеъҷон дар Шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 06.04.2010 таҳти №8 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон санаи 30-юми ноябри соли 2019 (суратҷаласаи №4) дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

муҳокима ва тасдиқ гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи мавзӯи диссертатсия 1 монография, 2 дастур ва 14 мақола нашр намудааст, ки 6 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 1 макола аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Қирғизистон эътирофшуда, ба табъ расидааст.

**Роҳбари илмии унвонҷӯ** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Гулмадов Файз** - доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи назария ва таърихи педагогикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Насриддинова Майсара Муйдиновна** – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** мебошад. Дар тақризи пешниҳоднамудаи ин муассиса, ки бо имзоҳои: роҳбари семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ Исоева Дилором Сайдаҳмадовна; мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович; ташхисгар номзади илмҳои педагогӣ Шарипов Анвар Абдурасулович ва котиби семинари илмӣ-назариявӣ Набиева Савлат Тилавқуловна расидааст, диссертатсия мусбат арзёбӣ гардидааст.

Аз ҷумла дар тақриз қайд гардидааст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии С.Ҳ.Мамадҷонов моҳияти мафҳумҳои қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгор ва истифодаи технологияҳои муосир дар асоси риояи принсипҳо ва қоидаҳои таълим аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва муайян гардида, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рушди қобилиятҳои созмондеҳии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоӣ зимни таълими фанҳои педагогию психологӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ошкор карда шудаанд.

Диссертатсияи Мамадҷонов Самеъҷон Ҳабибуллоевич таҳти унвони "Асосҳои педагогии рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ" кори мустақилонаи тахассусии бaанҷомрасида ва дорои аҳамияти назарраси илмӣ буда, ба талаботи "Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ" - и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда мебошад.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байнидонишгоҳӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо муҳокимаву баррасӣ гардида, дар 21 интишорот, аз ҷумла 1 монография, 6 мақола дар нашрияҳое, ки ба феҳристи маҷаллаву нашрияҳои аз ҷониби КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 мақола Ҷумҳурии Қирғизистон тавсияшаванда дохиланд, инъикос ёфтаанд.

**Монография ва мақолоте, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**а) монография:**

**[1-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ (дар асоси озмоишҳо) (монография). [Текст] //С.Х.Мамаджонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021. – 92 с.

**б) мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия**:

**[1-М]. Мамаджонов С.Х.** Проблемы организаторской деятельности педагога в психолого-педагогической литературе [Текст] /С.Х. Мамаджонов, Ш.А.Шарапов. //Вестник Курган-Тюбинского государственного университета им. НосираХусрав, 2017. № 1-3 (47).- С.102-106.

**[2-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Фаъолияти ташкилии педагог чун ҷузъи арзишноки касби омӯзгорӣ [Текст] /С.Х.Мамаджонов, Ш.А.Шаропов. //Номаи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. 2017. №4 (53). - С.247-251.

**[3-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Педагогическая практика важный этап формирования организаторских способностей будущих учителей [Текст] /С.Х.Мамаджонов //Номаи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. 2019. №4 (61). - С.180-189.

**[4-М]. Мамаджонов С.Х.** Психолого-педагогические аспекты формирования личности как организатора в школе [Текст] /С.Х.Мамаджонов //Вестник Таджикского национального университета. Душанбе. 2019.№5.Часть 2. -С.294-299.

**[5-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Корҳои таҷрибавӣ дар муайян намудани самаранокии ташаккули салоҳияти муошироти омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоӣ. [Матн] /С.Ҳ.Мамаджонов, Аҳлиллоев Т.А. //Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2021. №3(35). - С. - 96-107.

**[6-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Динамикаи рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён дар давраи таҷрибалмӯзии педагогӣ. [Матн] /С.Ҳ.Мамаджонов. //Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2021. №4(36). - С.149-160.

**в ) мақолаҳо дар маҷаллаҳои дигар ва маърӯзаҳо:**

**[1-М]. Мамаджонов С.Х.** Некоторые вопросы реформирования системы образования /С.Х.Мамаджанов, Г.Д.Комилова //Материалы Республиканской конференции «Дифференцированное обучение и совершенствование содержания образования» Душанбе: Ирфон. 2014. - С.- 145-147.

**[2-М]. Мамаджонов С.Х.** Сотрудничество школы и семьи в работе с трудновоспитуемыми детьми / С.Х.Мамаджонов, Р.М.Мавлонова, А.А.Эшонкулов //Маводи конференсияи илмию амалии донишгоҳӣ «Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас дар марҳалаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (10-11 сентября 2015 г.). Хуҷанд: Зиё. 2015. - С.176-184.

**[3-М]. Мамаджонов С.Х.** Тестирование как важное средство диагностики учебного успеха студентов и повышения эффективности учебного процесса. / С.Х.Мамаджонов //Маводи конференсияи илмию амалии донишгоҳӣ «Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас дар марҳалаи муосири рушди

Ҷумҳурии Тоҷикистон» (10-11 сентября 2015 г.). Хуҷанд: Зиё. 2015. -С. 234-236.

**[4-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Фаъолияти ташкилотчигӣ ҳамчун сифати касби педагогӣ / С.Х.Мамаджонов // Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ: «Технологияи муосири таҳсилот ва мақоми он дар камолоти омӯзгорони оянда». – Хуҷанд: Нашриёти СИ Файзибоев М.М. «Меъроҷ». 2017. – С.313- 319.

**[5-М]. Мамаджонов С.Х.** Формирование профессиональной компетенции будущих педагогов в условиях вузовского образования [Текст] /С.Х.Мамаджонов, Т.Ахлиллоев, М.Х.Неъматова //Известия вузов Кыргызстана. 2018. №5. – С. 121-125.

**[6-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Муносибати салоҳиятнокӣ дар система тайёриии касбӣ [Текст] /С.Х.Мамаджонов, Т.Ахлиллоев //Маводи конференсияи илмӣ-методии минтақавӣ "Масъалаҳои мубрами таълиму тарбияи насли наврас дар системаи таҳсилоти муосир" бахшида ба солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ – Хуҷанд: Зиё, 2019. - С. 27-29.

**[7-М]. Мамаджонов С.Х.** Научно-исследовательская работа школьника – начальный этап формирования творческой личности [Текст] /С.Х.Мамаджонов, Т.Ахлиллоев //Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Муаммо ва дурнамои ташаккули салоҳияти касбӣ-педагогии омӯзгори оянда» бахшида ба солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ» ва 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (24 майи с. 2019). Хуҷанд: Нури маърифат. 2019. - С.123-126.

**[8-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Худтарбиякунӣ ҳамчун шарти муҳими рушди фаъолияти созмондеҳии омӯзгориояндаи синфҳои ибтидоӣ. [Матн] /С.Ҳ.Мамаджонов, Т.А.Аҳлиллоев //Муаммоҳои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгори оянда (Монографияи коллективӣ бахшида ба масъалаҳои мубрами омодагии касбии омӯзгори оянда). - Хуҷанд: СИ Файзибоев ММ. Меъроҷ. 2020. – С.75-96.

**[9-М]. Мамадҷонов С.Ҳ.** Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи моҳияти фаъолияти созмондеҳии шахсият. [Матн] /С.Ҳ.Мамадҷонов //Мавқеъи фанҳои умумикасбию тахассусӣ дар тайёрии касбии мутахассисони оянда. - Хуҷанд: Матбааи Спитамен, 2022. – С. 218-224.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Тақриз ба автореферати Самеъҷон Мамадҷонов аз ҷониби доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **А.М. Мирализода** навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ комилан мусбат арзёбӣ шудааст.

Тақриз ба автореферат аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷаббор Расулов **Шодиев Абдуҷалил Абубакирович** – навишта шудааст. Муқарриз таҳқиқоти С. Мамадҷоновро кори илмии анҷомёфта арзёбӣ намуда, баҳои мусбат додааст, эрод надорад.

Ҳамчунин ба унвони шурои диссертатсионӣ тақриз ба автореферат аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ дотсент **Зариф Наимов** ирсол шудааст. Муқарриз эрод надорад ва рисолаи илмиро кори анҷомёфтаи тахассусӣ ва муаллифашро сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ донистааст.

Тақризи дигар ба автореферат ба унвони шуро ворид шудааст, ки он аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Гулистони Ҷумҳурии Ӯзбекистон **Хабибулло Абдукаримов** навишта шудааст. Муқарриз дар баробари бозгӯи муҳассаноти кори илмӣ ба таври пешниҳод як нуктаро, ҳамчун эрод чунин қайд намудааст: "Дар илми педагогика меъёр ва нишондиҳандаҳои қобилиятҳои ташкилотчигӣ кор карда баромада шудааст, ба муаллиф лозим буд, ки муносибати худро нисбат ба тавсифи мафҳумҳои таҳқиқшаванда баён намояд".

Тақризи дигар ба автореферат аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии педагогии ба номи Низомии шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон **Собирова Марҳабо Абдуғаниева** навишта шудааст, ки муқарриз дар баробари комёбиҳо аз баъзе камбудӣ ва иштибоҳоти муаллиф ёдрас шудааст. Аз ҷумла муқарриз мегӯяд, ки "хуб мешуд унвонҷӯ дар раванди таҷрибаи муайянкунанда ва ташаккулдиҳанда аз кадом методҳои омории математикӣ истифода бурдааст, нишон медод".

**Муқарризони расмӣ** мутахассисони намоёни соҳаи педагогика ва психология ба шумор омада, дар ин самти таҳқиқот асару мақолоти фаровоне ба табъ расонидаанд, ки мазмуну муҳтавои пажуҳиши илмии эшон ба мундариҷаи диссертатсияи баррасишаванда иртибот доранд.

**Муассисаи тақриздиҳанд**а низ яке аз марказҳои илмии бонуфузу шуҳратёфтаи ҷумҳурӣ ба шумор омада, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили мухталифи педагогика ва психология хеле маъруф гардидааст.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шурои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

- мундариҷаи фаъолияти умумии созмондеҳӣ бо дар назардошти донишҳои муосири илмӣ аниқ гардид;
- асосҳои методологии омӯзиши фаъолияти созмондеҳӣ муайян шуданд, аввалин бор худдастурдиҳӣ, интиқоли фикрию эҳсосӣ, худмақсадгузорӣ ҳамчун ҷузъҳои фаъолияти умумии созмондеҳӣ, инчунин қобилияти хусусии созмондеҳӣ баррасӣ гардиданд;
- ошкор сохта шуд, ки дар хатмкунандагони донишгоҳ аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсии қобилияти созмондеҳӣ бо навъи фаъолияти касбии онҳо дар доираи ихтисоси гирифтаашон муайян мегардад;
- шароити педагогии рушди қобилияти созмондеҳии донишҷӯён муайян ва асоснок шуда, методикаи татбиқи онҳо дар раванди таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна коркард шуд;
- таъсири мустақими фанҳои омӯхташавандаи психологию педагогӣ, хусусиятҳои протсессуалии фаъолияти таълимию педагогӣ ба раванди фаъолияти созмондеҳӣ дарёфт гардид;
- шаклҳо ва методҳои мушаххаси худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён коркард шуданд;
- курси махсус ва барномаи «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» коркард ва дар амалияи фаъолияти созмондеҳии

омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна татбиқ шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:**

- муайян ва асоснок намудани моҳият, сохтор ва мавқеи қобилияти созмондеҳӣ дар фаъолияти касбии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ;
- васеъ ва чуқур намудани маълумоти назариявӣ доир ба имкониятҳои истифодаи таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯён ҳамчун омили муҳимтарини ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда;
- таҳияи маводҳои назарӣ доир ба истифодаи имкониятҳои таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ дар ташаккули қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянда.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:** натиҷаҳои ба даст омада имкон медиҳанд, ки муҳити томи таълимию маърифатии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ барои рушди қобилияти созмондеҳии онҳо бунёд ва самарабахш истифода гардад; методикаи роҳбарӣ ба худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ коркард шуд. Маводи аз ҷониби муаллиф коркардшуда метавонанд барои рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна ва донишҷӯён мутобиқ ва истифода гарданд. Методикаи ташхиси сатҳи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони оянраи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ, курси махсуси «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» коркард шуданд; таъминоти таълимию методии фанҳои психологию педагогӣ анҷом ёфт. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди такмили омодагии кадрҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои педагогӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотии ҳосилкардаи унвонҷӯй дар он зоҳир мегардад, ки:**

- таҳияи барномаи таҷрибаомӯзии омӯзгории имкониятҳои ташкили фаъолияти назариявию амалидошта оид ба рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ;
- таҳияи усул ва технологияи роҳбарӣ ба раванди худтарбиякунии қобилияти созмондеҳии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ;
- таҳияи методикаи ташхиси сатҳи рушди қобилияти созмондеҳии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ;
- Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди такмили омодагии кадрҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, низоми баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳои педагогӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо он муайян карда** шудааст, ки:

- Боэътимодӣ ва асоснокии матлабҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо ҷанбаҳои зерин таъмин мегарданд:
- методологияи дидгоҳи системавӣ ва консепсияи миллии ташхиси педагогӣ;

- такя ба методҳои назариявию амалӣ, таҳлили шароит ва натиҷаҳои кори таҷрибавию озмоишӣ, ҳамчунин имконпазир будани такрори озмоиши педагогӣ;
- давомнок ва репрезентативӣ будани маводи пешниҳодгардида ва омории маълумоти ба даст омада ва таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати педагог.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**

- иштироки бевосита дар ҳалли маъалаҳои ҷамъоварии мавод ва таҳлили ҳаматарафаи маъхазҳои илмӣ, таҳлил, шарҳ, тафсир ва ба низом даровардани маълумотҳои дарёфтшуда, коркарди нақша ва усулҳои мушоҳида ва таҷрибаҳои муайянкунӣ ва озмоишӣ бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;
- муайян намудани асосҳои муназзамии рушди қобилиятҳои созмондеҳии донишҷӯёни тахассуси таҳсилоти ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои педагогии муосир дар раванди таълими таҷрибаомӯзии таълимӣ ва омӯзгорӣ;
- коркарди барномаи «Асосҳои педагогии омодагии донишҷӯён ба фаъолияти созмондеҳӣ» ва татбиқи он дар раванди тайёрии касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ;

Аз ҷиҳати мазмун ва муҳтаво диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 8 нафар иштирокчиёни ҷаласа, аз онҳо 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

Тарафдори додани дараҷаи илмӣ - **“8 нафар”**;

Муқобили додани дараҷаи илмӣ- **“нест”**;

Бюллетенҳои беэътибор - **“нест”**.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илми филология, дотсент** **Н.А. Ҳамробоев**

**14.09.2022с.**